## 23 00 00 СИЁСАТШИНОСӢ
## 23 00 00 ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ
## 23 00 00 POLITICAL LAW

### 23.00.02 ПОЛИТИЧЕСКИЕ ИНСТИТУТЫ, ПРОЦЕССЫ И ТЕХНОЛОГИИ
### 23 00 02 POLITICAL INSTITUTES, PROCESSES AND TECHNOLOGIES

***УДК 321***
***ББК 66.3-5***

***МАСЪАЛАИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР ТАҶРИБАИ СИЁСИИ ҶОМЕАИ ТОҶИК***

***Саидзода Шухрат Шукур,*** *н.и.с., дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ПРОБЛЕМА ТОЛЕРАНТНОСТИ В ПОЛИТИЧЕСКОЙ ПРАКТИКЕ ТАДЖИКСКОГО ОБЩЕСТВА***

***Саидзода Шухрат Шукур,*** *канд.полит.наук, доцент кафедры политологии ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***THE PROBLEM OF TOLERANCE IN POLITICAL PRACTICE OF TAJIK SOCIETY***

***Saidzoda Shukhrat Shukur,*** *candidate of political sciences, Associate Professor of the politology department under the TSULBP (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *shuhratst@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *таҳаммулпазирӣ, ҷомеаи тоҷик, принсипҳои демократия, плюрализми сиёсӣ, радикализми динӣ, арзишҳои сиёсӣ, суботу амнияти ҷомеа, раванди сиёсӣ, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон*

*Мавзӯи таҳаммулпазирӣ ва аҳамияти он дар таҷрибаи сиёсии ҷомеаи тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳаммулпазирӣ ҳамчун яке аз сифатҳои муҳим дар раванди тақвияти муносибати байни шаҳрвандон, шаҳрвандон ва ҳизбҳои сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳокимияти сиёсӣ, ҳокимияти сиёсӣ ва ташкилотҳои сиёсӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Ҷиҳати дуруст инъикос намудани масъалаи мазкур паҳлӯҳои гуногуни масъалаи таҳаммулпазирӣ таҳқиқ шудааст. Нуктаи назари олимон оид ба мавзӯи таҳаммулпазирӣ, таҳаммулпазирии сиёсӣ, аҳамияти мавҷуд будани таҳаммулпазирӣ дар раванди ҳалли низои сиёсӣ ва рушди ҷомеаи демократӣ бо мисолҳои мушаххас инъикос гардидааст. Таҷрибаи ба даст омадани сулҳи тоҷикон ва чи гуна мавриди истифода қарор гирифтани таҳаммулу гузашт дар муколамаи байни ҷонибҳо, баррасӣ гардидааст. Ҳамчунин то куҷо набудани фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми ақидаву андешаҳои диниву сиёсии байни шаҳрвандон ба ташаккули ҳаракатҳои ифротиву тундгароӣ ва терроризм, ба суботу амнияти ҷомеа, ба пешравии давлат монеаи ҷиддӣ пеш меорад, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва наздик гардидани равобиту ҳамкориҳои намояндагони фарҳангу тамаддунҳои гуногун таҳаммулпазирӣ яке аз омилҳои асосии ҳифзи субот ва касб кардани донишу таҷрибаи ҳамдигар ҳисобида мешавад. Дар асоси хулосаҳои мақола, як қатор таклифҳо ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани тарбияи таҳаммулпазирӣ дар раванди иҷтимоисозии сиёсӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод гардидааст.*

***Ключевые слова:*** *толерантность, таджикское общество, принципы демократии,*

*политический плюрализм, религиозный радикализм, политические ценности, стабильность и безопасность в обществе, политический процесс, уважение прав и свобод человека*

*Рассматривается проблема толерантности и её особенности в политической практике таджикского общества. Анализируется толерантность как одно из важных качеств в процессе взаимоотношений между гражданами, гражданами и политическими партиями, гражданскими образованиями и государством, политической властью и политическими организациями. С целью правильного раскрытия данной проблемы изучены различные стороны толерантности. На конкретных примерах представлены точки зрения исследователей темы толерантности, политической толерантности, важности существования толерантности в процессе решения политических конфликтов и в развитии демократического общества. Рассматривается опыт достижения "таджикского примирения" и указывается на роль уступок и компромиссов в переговорном процессе между сторонами, которые содействовали подписанию Соглашения о мире и национальном согласии. Также приводится факт, согласно которому отсутствие у граждан культуры толерантности и уважения религиозно-политических взглядов приводит к дестабилизации общества, к угрозе национальной безопасности и барьерам в развитии государства. В условиях глобализации, сближения и сотрудничества в отношениях между представителями разных культур и цивилизаций, толерантность считается одним из основных факторов сохранения политической стабильности и приобретения знаний и опыта представителями разных национальностей. На основании сделанных выводов, предложен ряд рекомендаций по воспитанию толерантности в процессе политической социализации общества и развития демократии.*

***Key-words:*** *tolerance, Tajik society, principles of democracy, political pluralism, religious radicalism, political values, stability and security in society, political process, respect for human rights and freedoms*

*The article considers the problem of tolerance and its features in political practice of the Tajik society. Tolerance is analyzed as one of the important qualities in the process of relations between citizens, citizens and political parties, civil establishments and the state, political authorities and political organizations. For the correct disclosure of this problem various aspects of tolerance were investigated. Different points of view of researchers in reference to the theme of tolerance, political tolerance, importance of existence of tolerance in the process of resolving political conflicts and in the development of a democratic society are reflected in concrete examples. The article examines the experience of achieving "Tajik reconciliation" and points to the role of concessions and compromises in negotiation process between the parties that contributed to the signing of the Agreement on Peace and National Accord. There is also analyzed the fact that lack of a culture of tolerance and respect for religious and political views among citizens leads to destabilization of society, threats to national security and barriers in the development of the state. In the context of globalization, rapprochement and cooperation in relations between representatives of different cultures and civilizations tolerance is considered as one of the main factors for maintaining political stability and acquiring knowledge and experience between representatives of different nationalities. The author came to certain conclusions and proposed some recommendations for education of tolerance in the process of political socialization and development of democracy.*

Мавзӯи таҳаммулпазирӣ дар ҷомеаҳои демократӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Гарчанде дар гузашта мутафаккирон атрофи масъалаи таҳаммулпазирӣ ақидаҳои гуногун иброз дошта бошанд ҳам, дар шароити муосир баррасии он вобаста ба рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар раванди демократикунонии ҳаёти ҷомеа бисёр муҳим ба назар мерасад. Мақсади мо ҳоло ҳаматарафа таҳқиқ намудани мавзӯи таҳаммулпазирӣ набуда, фақат мехоҳем, аҳамияти онро дар шароити демократия, ки ҳоло аксарияти давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми мазкурро пеш гирифтааст, баррасӣ намоем.

Андешаи муҳаққиқон атрофи мавзӯи таҳаммулпазирӣ гуногун буда, онро яке аз унсурҳои муҳим дар муколамаву гуфтугӯи байни шаҳрвандон, ҳамкории байни субъектони сиёсат, ҳокимият бо ҳизбҳои сиёсӣ унвон намудаанд. Бинобар ин, ҳоло таҳлилу баррасӣ намудани моҳияти таҳаммулпазирӣ ва аҳамияти он дар раванди муносибатҳои сиёсиву ҷамъиятӣ бо назардошти системаи сиёсии демократӣ муҳим ба назар мерасад.

Дар фарҳанги забони тоҷикӣ ибораи таҳаммул ба маънои сабр кардан, шикебо будан; таҳаммул кардан (намудан), тоқат кардан, тоб овардан ифода ёфтааст [11, с.325]. Агар онро дар муносибати байни ду шахс истифода намоем, он ба маънои тоқат карда гӯш карда тавонистани ақидаву назари тарафи дигар мебошад.

Ба андешаи муҳаққиқон, таҳаммулпазирӣ ҳамчун (авф, бахшидани гуноҳ, нармдилӣ, мардонагӣ ва ғайраҳо) арзишу падидаи олами Шарқ ба ҳисоб меравад, гарчанде андешаҳои зиёде низ вуҷуд доранд, ки гӯё таҳаммулпазирӣ натиҷаи афкори иҷтимоии Ғарби муосир бошад. Таҳаммулпазирӣ инчунин сифати инсоне ба ҳисоб меравад, ки дар роҳи дарки олам ва раванду ҳодисаҳои баамалояндаи ҳаёти инсонӣ ва табиӣ қарор дорад. Таҳаммулпазирӣ ба сифати омили ботинӣ дар худ назорати маънавии шахсиятро таҷассум карда, дар рафтори сиёсии ӯ нақши муҳим бозида, метавонад манбаи дигар меъёрҳои ахлоқию сиёсӣ гардад[13, с.42].

Бунёди ҷомеаи демократӣ, ки плюрализми (гуногунандешии) сиёсӣ яке аз принсипҳои онро ташкил медиҳад, бидуни таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром нисбат ба ақидаҳои гуногун имконнопазир аст. Мавҷудият ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсии гуногун дар ҷомеаи демократӣ тақозо менамояд, то шаҳрвандон на танҳо ақидаҳои сиёсии мухталиф дошта бошанд, балки мавқеи ақидатии ҳамдигарро таҳаммул карда тавонанд, зеро бе таҳаммулпазирӣ на танҳо сохтани ҷомеаи демократӣ имконнопазир аст, балки он метавонад боиси ба вуҷуд омадани низоъҳои сиёсӣ ва идеологӣ миёни ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳои иҷтимоӣ гардад. Гуногунандешӣ, гуногунақидагии сиёсӣ яке аз принсипҳои демократия ба ҳисоб рафта, он барои таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ ва иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар раванди идоракунии давлат заминаи асосӣ мегузорад. Чуноне ки дар моддаи 8-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад»[2, с.8]. Ҳизбҳои сиёсӣ ва шаҳрвандон аз рӯи ақидаҳои гуногуни сиёсиву мафкуравӣ дар ҷомеа кору фаъолият мебаранд ва қонун фаъолияти ҳар як гурӯҳ ва шаҳрвандонро, новобаста аз шакли мафкураи сиёсиашон, иҷозат медиҳад. Аммо, ҳамчуноне ки дар идомаи моддаи 8-уми Конститутсия гуфта мешавад: «Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад». Яъне, дар ҳаёти сиёсии давлат гуногунақидагии сиёсӣ амал менамояд ва ҳар ҳизб бояд ақидаи сиёсии ҳизби дигарро эҳтиром намояд. Дар ин бобат дар моддаи 28-уми Конститутсияи кишвар гуфта мешавад, ки

«Ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ мусоидат мекунанд ва дар ҳаёти сиёсӣ иштирок менамоянд. Сохтор ва фаъолияти онҳо бояд ба меъёрҳои демократӣ мувофиқ бошанд. Фаъолияти босамари ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳаёти сиёсӣ яке аз нишонаҳои демократии давлат буда, онҳо иштироки бевоситаи шаҳрвандонро дар ҳаёти кишвар таъмин менамоянд[9, с.171]. Гузашта аз ин, таҳаммулпазирӣ танҳо тоқатпазирӣ нисбат ба ақидаҳои сиёсии шаҳрвандон набуда, онро ба маънии эътирофу қабул намудани ҳамаи одамон, новобаста аз андешаву ақида, ҷаҳонбинӣ, идеология, мансубияти этникӣ ва динӣ, шарҳ додаанд[7, с.23].

Муҳаққиқ Луфов М.Т. таҳаммулпазириро ҳамчун омили ҳамзистии байни одамон унвон намуда, чунин зикр менамояд: «Таҳаммулпазирӣ ва инсонгароӣ омили беҳтарини ба даст овардани сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ байни одамони гуногун ва пойдор нигоҳ доштани он мебошад»[3, с.104]. Муҳаққиқ Шаъбонов Н.Н. таҳаммулпазирии сиёсиро аз навъҳои дигари таҳаммулпазирӣ ҷудо намуда, онро ҳамчун аломати плюрализми сиёсӣ ва мавҷудияти рақобат дар байни институтҳои сиёсӣ дар ҷомеа меҳисобад: «Таҳаммулпазирии сиёсӣ метавонад дар илми сиёсатшиносӣ ба таври эътироф ва эҳтироми рақибон, ақидаи онҳо, барнома ва маъракаҳое, ки гурӯҳҳои мухолиф ва рақибони сиёсӣ дар симои миллатҳо, халқҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои мухталиф бо ҳамдигар доир мекунанд, баромад кунад»[12, с.42].

Таҷрибаи Тоҷикистон дар раванди ба даст овардани сулҳ собит намуд, ки фарҳанги таҳаммулпазирӣ барои ҳалли масъалаҳои сиёсӣ дар байни сарварон ва гурӯҳҳои сиёсӣ дар мавридҳое ба манфиати кор буда, метавонад зиддияту нофаҳмии байни ҳамдигарро аз байн бардорад. Чуноне ки дар ин бора Пешвои миллат дар яке аз мусоҳибаҳои хеш қайд мекунанд: «Бо воситаи диалог мо ҳаяҷон, ғурур ва якравӣ, ки моро ба нифоқ бурда буд, ба як сӯ гузоштем. Таъмини мавҷудияти давлат ва ягонагии он мақсади мо гардид. Мо гуноҳҳо ва айби ҳамдигарро бахшидем. Мо ба хотири оянадаи Тоҷикистон муттаҳид гардидем ва ин сиёсатро алҳол низ идома дода истодаем»[15, с.16]. Яъне, агар ҷонибҳо таҳаммул ва тоқати гӯш кардани арзу хостаҳои ҳамдигарро намедоштанд, ба имзо расидани созишномаи сулҳ имкон надошт.

Ба ақидаи файласуфи тоҷик Нодир Одилов, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ҳамин хиради раббониро ба кор бурданд, ба хотири сулҳу салоҳ барои оппозитсион гузаштҳои зиёде карданд ва қариб ба тамоми шарту шароитҳои пешниҳодкардаи онҳо мусоидат намуданд. Ба туфайли ҳамин азму иродаи Президенти Ҷумҳурӣ, Эмомалӣ Раҳмон истиқрори сулҳи тоҷикон сурат гирифт. Ҳамин тавр карда, дар дохили миллати тоҷик дар тамоми давраҳои таърихӣ хирадмандоне буданд ва ҳастанд, ки ба туфайли андешаи хирадмандонаи онҳо душманӣ ба дӯстӣ табдил меёбад [6, с.136].

Гуфтори «Ман ба андешаи ту розӣ нестам, вале таҳаммули гӯш кардани суханони туро дорам» барои ҷомеаи демократӣ шарти муҳими ҳамзистии намояндагони фарҳангу боварҳо ва ҳизбу созмонҳои гуногун мебошад. Мисол, вақте як ҳизби сиёсӣ дар интихоботи сиёсии президентӣ ва ё парлумонӣ иштирок намуда, аз рӯи натиҷаи овоздиҳӣ дар он мағлуб мегардад, пас, мебояд ғалабаи ҳизби дигарро таҳаммул намуда, таҷрибаи онро биомӯзад. Вале баъзан дар амал мебинем, ки ҳизби мағлубшуда, исбот кардан мехоҳад, ки ҷониби дигар ғайриқонунӣ ғалаба ба даст овард. Кӯшиш менамояд, ки бо ин роҳ натиҷаи интихобот эътироф карда нашавад. Дар охирин интихоботи президентии ИМА, ки дар натиҷа намоянда аз ҳизби демократӣ Ҷон Байден ғалаба намуд, рақибони ӯ,

пеш аз ҳама, намояндагон аз ҳизби ҷумҳурияхоҳ бо овардани далелҳои зиёд ғалабаи Байденро таҳаммул ва эътироф накарданд. Вале чунин рафтори онҳо ягон натиҷа надод, зеро ғолибиятро инкор кардан илоҷ надорад. Муқобилият ва таҳаммулнопазирии ҷониби дигар ба ҷуз идома бахшидани мушкилот дигар манфиате намеорад.

Масъалаи таҳаммулпазирӣ на танҳо барои пешбурди муколамаи байни ҳизбҳову нерӯҳои сиёсӣ, ҳамчунин дар ҳалли муаммоҳои байналмилалӣ ҳам бисёр муҳим мебошад. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон мафҳуми таҳаммулпазириро дар робита бо дигаргуниҳои ибтидои асри XXI чунин шарҳ додаанд: «Фарқияти идеологӣ дар назди тамоми халқҳои қитъаи мо, пеш аз ҳама дар назди Тоҷикистон, вазифаҳои таҳкими низоми нави муносибатҳои байналхалқиеро мегузорад, ки таҳаммул ё бардошти сиёсӣ нисбат ба ҳамдигар асоси онро ташкил медиҳад. Таҳаммули сиёсӣ аллакай имрӯз тадриҷан ба вуҷуд омада истодааст, вале он бояд ҳамаро, мисли як воҳиди том, фаро гирад»[17, с.469]. Воқеан, дар таҷрибаҳои сиёсӣ қудратҳои ҷаҳонӣ на ҳамеша мавқеву назари давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ заифро вобаста ба ҳаллу фасли масъалаҳои байналмилалӣ таҳаммул менамоянд.

Яке аз масъалаҳои дигаре, ки ба мавзӯи таҳаммулпазирии шаҳрвандон алоқаманд аст, озодии эътиқод мебошад. Дар давлатҳои демократӣ эътиқод ба дин кори шахсии ҳар шаҳрванд буда, дар интихоби дин шахс озод мебошад. Чуноне ки дар моддаи 26-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Ҳар кас ҳуқуқ дорад, муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд». Моддаи мазкур ҳар як шаҳрвандро вазифадор менамояд, ки нисбати ақидаи динии дигарон ботаҳаммул ва тоқатпазир бошад. Конститутсия таҳқир нисбат ба ақидаи динии шаҳрвандро манъ намудааст, зеро принсипи озодии виҷдон дахолат накардан ба интихоби динро тақозо менамояд. Чуноне ки Президенти кишвар дар ин маврид зикр намудаанд: «Маҳз бо татбиқи аслҳои озодии эътиқоди динӣ ва талаботи қонунгузорӣ муяссар гардид, ки пеши роҳи ҳар гуна ихтилофот ва низои динӣ гирифта, дар мамлакат фазои таҳаммулпазирии динӣ таъмин карда шавад. Аҳли ҷомеаро низ зарур аст, ки чунин муносибати таҳаммулпазирии динҳоро эҳтиёт ва ҳифз намоянд. Дар навбати худ, яке аз вазифаҳои давлат низ муносибати мусолиматомез бо дин ва ҳифзи вазъияти муросову мадоро дар ҷомеа мебошад»[16].

Ҳатто дар Консепсияи миллии тарбия муҳимияти тарбияи таҳаммулпазирии шаҳрвандон оварда шудааст: «Ҷомеаи демократӣ ба тоқатпазир ва ботаҳаммул будани шаҳрвандон эҳтиёҷи калон дорад ва онро яке аз омилҳои асосии пешрафти ҷомеа меҳисобад»[1].

Қобили зикр аст, ки дар таҷрибаи ҷомеаи башарӣ бисёре аз низоъҳо – хоҳ хурд бошад, хоҳ бузург – маҳз дар асоси бетаҳаммулӣ нисбати ақидаи ҳамдигар ба миён омадааст. Агар ҷонибҳо таҳаммули гӯш кардани суханони ҳамдигарро дошта бошанд, он гоҳ эътимоди зиёд аст, ки низоъ сар назанад ва ё боиси талафоти бузурги моливу ҷонӣ нагардад. Махсусан гузашт, таҳаммул карда тавонистани ақидаву назари тарафи дигар метавонад барои ҳамзистии намояндагони дину фарҳангҳои гуногун дар як ҷомеа замина фароҳам намуда, садди бархӯрди намояндагони фарҳангу тамаддунҳои гуногун гардад[10, с.120-121]. Баръакси он, яъне таҳаммул накардани ақидаи ҳизбҳои сиёсиву гурӯҳҳои муайян иҷтимоӣ ба рушди гуногунфикрӣ, ҳамкории мутақобилан судманд ва ба рақобати байни онҳо монеа гардида, садди рушди босуръати ҷомеа мешавад.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи демократӣ собит менамояд, ки ҳарчи бештар ҳуқуқу озодӣ барои инкишофи шахс ва гурӯҳҳои ҷамъиятӣ муҳайё карда шавад, боз ҳам шахсону гурӯҳҳое

пайдо мешаванд, ки аз ин имконияту шароит суиистифода менамоянд. Дар ҷомеа ҳукмфармо будани таҳаммулпазирӣ аз ҳар шаҳрванд, ҳизби сиёсӣ ва ҳокимияти сиёсӣ эҳтиром гузоштан ба ақидаҳои ҳамдигарро тақозо менамояд. Саволе ба миён меояд, ки агар ҳизб ва ё шахсе ақидаҳои зидди арзишҳои милливу динии мардумро тарғиб намояд, оё он вақт таҳаммулпазирӣ нисбати онҳо дуруст аст? Мисол, бо созмону ҳаракате, ки дар кишвар кӯшиш барои гирифтани иҷозаи ҳуқуқ ба ҳамҷинсгароӣ ва ё равияву ақидаҳои сиёсиву динии муқобили манфиати мардум менамояд, чӣ тавр бояд муносибат намуд? Аз нигоҳи мо, дар чунин маврид таҳаммулпазирие, ки муқобили арзишҳо ва манфиатҳои ҷамъият бошад, аз нуқтаи назари манфиатҳои милливу давлатӣ, ки боиси ба миён омадани муаммои иҷтимоиву сиёсӣ ва садди роҳи рушди минбаъдаи ҷомеа мегардад, дуруст нест. Барои мисол, ҳатто дар Русия, ки худро давлати демократӣ эълон намудааст, ҳокимияти олии он ин талабу даъвои гурӯҳеро рад намуд, ки тақозои гирифтани иҷозаи ҳуқуқ ба ҳамҷинсгароиро доштанд. Таҳаммулпазирӣ маънии онро надорад, ки нисбат ба ҳар гуна ақидаву мафкураи гурӯҳҳо таҳаммул карда шавад. Дар ин маврид Мчедлов М.Н. воқеан дуруст зикр намудааст: «Тоқат кардан ба ҳар як идеологияи система ё чашм пӯшидан аз он маънои онро надорад, ки ин бефарқӣ аст ё бо зарари худ муросо кардан аст»[4, с.18].

Масъалаи дигари бо мавзӯи таҳаммулпазирӣ дар ҷомеа демократӣ алоқаманд ҳамкориву робитаи байни бахшҳои давлативу ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳизбҳои сиёсиву ҳокимияти давлатӣ мебошад. Давлат дар он ҳолат рушди босуръат пайдо менамояд, ки аз тамоми нерӯи ҷомеаи шаҳрвандӣ, махсусан аз иқтидори ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ фаровон истифода намояд. Ҳатто ҳар ҳизби сиёсие, ки дар интихобот ғолиб омада, ҳокимиятро соҳиб мегардад, дар татбиқи ҳадафҳои стратегӣ бояд аз нерӯи созмонҳои сиёсиву ҷамъиятӣ истифода намояд. Ба эътибор нагирифтан ва истифода накардани неруҳои дигар бештар хоси режимҳои ғайридемократӣ буда, дар ниҳоят чунин режимҳо аз байн мераванд ва қудратро аз даст медиҳанд. Бо назардошти аҳамияти хосаи сиёсиву амалӣ доштани истифодаи донишу таҷрибаи ҳизбу созмонҳои дигар Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми савгандёдкунӣ вобаста ба ин масъала зикр намуданд: «Мо омода ҳастем, аз таклифу пешниҳодҳои ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ, ки ба манфиати ҷомеа мебошад, истифода намоем»[18].

Таҷрибаи сиёсии кишварҳо дар раванди ҳаллу фасли мушкилоти сиёсиву иҷтимоии ҷомеа собит менамояд, ки мавҷудияти фарҳанги таҳаммулу гузашт дар байни нерӯҳои сиёсӣ ба манфиати давлату миллат ва бақои он хизмат хоҳад кард. Ҳатто, солҳои 90-уми асри гузашта агар ҷонибҳо (Ҳукумати Тоҷикистон ва Иттиҳоди неруҳои оппозитсионии Тоҷикистон) таҳаммул ва тоқати гӯш кардани мавқеву назар ва манфиатҳои ҳамдигарро намедоштанд, ба имзо расидани созишномаи «сулҳи тоҷикон» имконнопазир мебуд. Таҳаммулпазирӣ на танҳо байни ду ашхос, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсии ҷомеа, ҳатто, дар муколамаи байни неруҳои сиёсӣ дар сиёсати бузург, дипломатия ва дар тағйири сарнавишти як давлату миллат таъсиргузор мебошад. Аз таҷрибаи таърихи сиёсӣ бармеояд, ки ҳеч гоҳ таҳаммулпазирӣ ва фарҳанги муколамавӣ дар рушду нумӯи анъанаҳои миллӣ ва арзишоти динӣ халал ворид накардааст ва дар замони мо низ наменамояд[8, с.81]. Ба вуҷуд омадани унсури таҳаммулпазирӣ дар муколамаву муносибати байни шаҳрвандон аз сатҳи ташаккули маданияти сиёсии ҳамон системаи сиёсӣ вобастагии амиқ дорад[14, с.34]. Режими сиёсӣ вобаста ба навъи худ ба ташаккули маданияти сиёсии шаҳрвандон мусоидат намуда, ба чигунагии раванди муносибатҳои сиёсии байни субъектони сиёсӣ шароит фароҳам меорад.

Хулоса, ҷиҳати таҳкими суботу оромии ҷомеа ва рушди принсипҳои демократия қудратҳои сиёсӣ на танҳо ҳамдигарро таҳамул бикунанд, ҳамчунин ба мавқеи ҳамдигар эҳтиром гузоранд.

Вақте қудратҳо ва созмонҳои сиёсӣ ҳамдигарро таҳаммул менамоянд, он гоҳ потенсиали онҳо ба самти созандагӣ ва пешрафти давлат равон мегардад. Аз тарафи дигар, набудани руҳияи таҳаммул байни субъектҳои раванди сиёсӣ ба заиф гардидани неруи онҳо ва монеаи рушди устувори мамлакат оварда мерасонад. Бинобар ин зарур аст, ки рӯҳияи таҳаммулпазирӣ дар сатҳо ва соҳаҳои гуногун, дар муносибати милливу динӣ ва ғ. риоя карда шавад.

Бо назардошти андешаҳои донишмандон оиди муҳимияти таҳаммулпазирӣ дар роҳи ҳифзи суботу амният, пешрафти ҷомеа ва дар амалияи сиёсӣ собит гардидани аҳамияти таҳаммулпазирӣ дар таҷрибаи Тоҷикистон амалӣкардани нуктаҳои зеринро муҳим меҳисобем:

Дар ҷомеа таҳаммулпазирӣ ҳамчун як навъи гуфтугӯи байни шаҳрвандон ва шеваи муносибати байни созмону ташкилотҳои иҷтимоиву сиёсӣ эътироф карда шавад;

Дар раванди иҷтимоисозии сиёсии наврасону ҷавонон таҳаммулпазирӣ ҳамчун як навъи фарҳанги гуфтугӯ ва муоширати байни шаҳрвандон ва бахшҳои давлативу ҷомеаи шаҳрвандӣ баробари дигар арзишҳои ҷомеа таълим дода шавад;

Ба мавзӯи таҳаммулпазирӣ бояд нигоҳи фарох дошта бошем ва онро якҷониба, ба маънои таҳаммули зулму ситами гурӯҳи муайяни сиёсӣ қабул нанамоем. Дар мавриди ба миён омадани чунин ҳолатҳо набояд аз таҳаммулпазирӣ кор гирифт. Ҳар амал бо номи худаш унвон карда шавад;

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, бинобар наздик гардидани равобиту ҳамкории байни намояндагони фарҳангу тамаддунҳои гуногун, таҳаммулпазирӣ яке аз воситаҳои дуруст ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва ба даст овардани донишу таҷрибаи кишварҳои пешқадам ба ҳисоб меравад;

Бо назардошти он ки озодиву гуногунандешӣ яке аз принсипҳои демократия дониста мешавад, фарҳанги таҳаммулпазирии байни шаҳрвандон ва институтҳои иҷтимоиву сиёсии ҷомеа нисбат ба ҳар замони гузашта аҳамияти бештар касб менамояд;

Пешравии ҷомеаи муосирро бе рақобати солим ва таъмини баробари ҳуқуқу озодии шаҳрвандон ва созмону ташкилотҳои ҷамъиятӣ тасаввур кардан номумкин аст. Шаҳрвандон замоне ба ҳуқуқу озодиҳои ҳамдигар риоя мекунанд, ки агар акидаву мавқеи ҳамдигарро таҳаммул карда тавонанд;

Дар ҷомеаи воқеан озоду демократӣ ҳифзи оромиву суботи сиёсӣ танҳо дар он ҳолат имконпазир аст, ки шаҳрвандон ақидаву андешаҳои ҳамдигарро таҳаммул намоянд. Вагарна зиддияти ақидатии байни гурӯҳи одамон метавонад омили сар задани низоъҳои иҷтимоиву сиёсӣ дар ҷомеа гардад;

Ҳокимияти сиёсӣ бо мақсади ҳарчи бештар истифода бурдан аз таклифу пешниҳодҳои муфид ва иқтидору захираи ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, яъне аз иқтидори зеҳниву ҷисмонии ҷомеаи шаҳрвандӣ ақидаву мавқеи субъектони ҷомеаро таҳаммул намуда, бо амалӣ сохтани барномаҳои созанда нерӯҳои сиёсии мавҷударо муттаҳид ва мувофиқи вазифаи хеш ба самти созандагиву рушд сафарбар созад.

***Пайнавишт:***

1. *Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Душанбе, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006 таҳти №94. Маводи электронӣ. Суроғаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=31987 (Санаи муроҷиат 07.03.2021)*
2. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 саҳ.*

3. *Луфов М.Т. Таҳаммулпазирӣ – муаммои тарбиявии ҷомеа / Дар роҳи тарбияи ҷомеаи солим. – Конибодом: Вектор-Канд, 2015. – С. 102-106*
4. *Мчедлов М.Н. Толерантность. – М.: Республика, 2004. 416 с.*
5. *Маҳмадов А.Н. Муколама – падидаи ризоияти миллӣ / Ҳикмати таҳаммул. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С.87-97.*
6. *Одилов Н. Роҳбаре бо хиради Хусравонӣ / Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо. – Душанбе: Адиб, 2015. – С. 131-140*
7. *Рахимов М.Х. Толерантность – основа мира. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 196 с.*
8. *Раҷабов И.Ш. Нақши маърифати динӣ дар таъмини суботи сиёсӣ ва таҳкими рукнҳои давлатдорӣ / Масъалаҳои рӯзмарраи инкишофи давлати муосир. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-аназриявӣ (ш.Душанбе, 25-26-уми январи соли 2018). – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. – С.74-84.*
9. *Саидзода Ш.Ш. Ҳамкории давлат бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз омилҳои фаъолнокшавии шаҳрвандон / Маҷаллаи илмӣ-назариявии Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – №1 (78) 2019. – С. 165-174.*
10. *Саидов Ш.Ш. Ҷавонон ва давлати миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 156 с.*
11. *Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.*
12. *Шаъбонов Н.Н. Мафҳум ва моҳияти илмии таҳаммулпазирии сиёсӣ / Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёии Тоҷикистон (Маҷмӯаи мақолаҳои илмию таҳқиқотӣ) Қисми IV. – Душанбе: РТСУ, 2016. – С. 35-42.*
13. *Шаъбонов Н.Н. Таносуби таҳаммулпазирии ҷавонони донишҷӯ дар ҷомеаи тоҷик. / Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. Қисми 3. – Душанбе: Эр-граф, 2015.). – С.39-47*
14. *Шаъбонов Н.Н. Ташаккулёбии таҳаммулпазирии сиёсӣ ҳамчун омили муҳими маданияти сиёсӣ дар ҷомеа / Тоҷикистон дар масири истиқлолият ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ: маводҳои конференсияи илмӣ-назриявии ҷумҳуриявӣ (шаҳри Душанбе, 5-6-уми январи соли 2017). – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2017. – С.23-34.*
15. *Эмомали Рахмон. Мевляна говорит на понятном всем «языке сердца» / Журнал «Диалог Евразия». Издание Платформы Диалог Евразия, Зима-Весна 2008, – №27.*
16. *Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мавзӯи «Моҳияти таҳаммулпазирии мазҳаби Имоми Аъзам ва вазъи дин дар кишвар» дар конфронси ҷумҳуриявӣ бахшида ба 1310-солагии Имоми Аъзам. Сурогаи эл.: http://president.tj/node/2864 (Санаи мурочиат 17.01.2021 с.)*
17. *Эмомалӣ Раҳмон. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар остонаи асри XXI / Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди сеюм. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 469 с.*
18. *Эмомалӣ Раҳмон. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати савгандёдкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сурогаи электронӣ: http://president.tj/node/24374 (Санаи мурочиат 05.03.2021)*

***Reference Literature:***

1. *National Conception of Upbringing in Tajikistan Republic. – Dushanbe: Enactment of Tajikistan Republic Government from March 3, 2006, #94. [Electronic resource]. The point of access: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=31987 (Date of request: 07.03.2021).*
2. *Tajikistan Republic Constitution. – Dushanbe: Treasure, 2016. – 135 pp.*

3. *Lufov M.T. Tolerance as Society Problem Concerned with Upbringing // On the Way of Sound Society Education. – Kanibadam: Vector-Kand, 2015. – pp. 102 – 106.*
4. *Mchedlov M.N. Tolerance. – M.: Republic, 2004. – 416 pp.*
5. *Makhmadov A.N. Dialogue as a Phenomenon of National Concord // Wisdom of Tolerance. – Dushanbe: Cognition, 2014. – pp. 131 – 140.*
6. *Odilov N. Leader with the Wisdom of Khosrov // Unity and the Process of the Dialogue of Civilizations. – Dushanbe: Man-of-Letters, 2015. – pp. 87 – 97.*
7. *Rakhimov M.Kh. Tolerance as a Foundation of Peace. – Dushanbe: Cognition, 2013. – 196 pp.*
8. *Rajabov I.Sh. The Role of Religious Education in Insurance of Political Stability and Consolidation of Statehood Pillars // Everyday Problems of Modern State Development: Materials of the Republican Scientifico-Theoretical Conference (Dushanbe, January 25-26, 2018). – Dushanbe: Printing-house of Tajik National University, 2018. – pp. 74 – 84.*
9. *Saidzoda Sh.Sh. Collaboration of State with Civil Society Institutes as one of the Factors of the Activeness of Citizens // Scientifico-Theoretical Journal "Bulletin of TSU LBP". Series of Social Sciences. – 2019, #1 (78). – pp. 165 – 174.*
10. *Saidzoda Sh.Sh. Youth and National State in the Process of Globalization. – Dushanbe: Cognition, 2015. – 156 pp.*
11. *Interpretation Dictionary of the Tajik Language. Volume 2. – Dushanbe: The Institute of Language and Literature named after Rudaki. 2008. – 945 pp.*
12. *Shabonov N.N. Contents and Scientific Essence of Political Tolerance // Actual Problems of Political Processes in Tajikistan. Part 4. – Dushanbe: RTSU (Russian-Tajik Slavonic University). – 2016. – pp. 35 – 42.*
13. *Shabonov N.N. Correlation of Tolerance Inherent in Young Students of Tajik Society // Actual Problems of Political Processes in Tajikistan. Part 3. – Dushanbe: Er-Graph, 2015. – pp. 39 – 47.*
14. *Shabonov N.N. Formation of Political Tolerance as an Important Factor of Political Culture in Society // Tajikistan on the Way of Independence and New World Threats: Materials of the Republican Scientifico-Theoretical Conference (Dushanbe, January, 5-6, 2017). – Dushanbe: Printing-House of Tajik National University, 2017. – pp. 23 – 24.*
15. *Rakhmon, Emomali. Mavlyana Speaks "The Language of Heart" Understandable for all // The Journal "The Dialogue of Eurasia". Winter-Spring of 2008, #27.*
16. *Rakhmon, Emomali. The Thematic Speech "The Essence of Tolerance Expounded in Imam Azam`s Mazhab; Situation in the Republic Related to Religion Plight" Pronounced at the Republican Conference Dedicated to the 1310-th Anniversary of Imam Azam. [Electronic resource]: http://president.tj/node/2864 (Date of request: 17.01.2021).*
17. *Rakhmon, Emomali. Tajikistan Republic at the Threshold of the XXI-st Century // Independence of Tajikistan and Nation`s Rebirth. Volumes 3. – Dushanbe: Cognition, 2002. – 469 pp.*
18. *Rakhmon, Emomali. The Speech of the Nation`s Leader, Tajikistan Republic President, Reverend Emomali Rakhmon on the Occasion of the Inauguration of Tajikistan Republic President. Electronic address: http://president.tj/node/24374 (Date of request: 05.03.2021).*